**Тақризи**

муқарризи расмӣ, доктори илмҳои филологӣ Мухторов Зайнидин Мухторович ба диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

Мусаллам аст, ки аз лиҳози луғавӣ ва ҳамчунин сарфивию наҳвӣ забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ басо ғановатманд буда, ҳамзамон дорои имконоти фарохи маъноиву сохторӣ мебошанд. Чунин забонҳои рушдкарда воҳидҳои гуногуни забон ва махсусан калимаҳоро аз дигар забонҳо ба таркиби луғавии худ қабул намуда, онҳоро ба талаботи сарфивию наҳвии худ мутобиқ месозанд, ки ин раванд забонро пуриқтидор ва аз нигоҳи тавсеаи имконият мукаммал мегардонад. Дар ин росто чунин ҳамгуниву фарқиятҳо дар забонҳои гуногун таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба проблемаҳои забоншиносии қиёсию таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ афзудааст, то ки ба ин масъалаҳо бештар аҳамият дода мешавад. Махсусан, дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки равобити байналмилалии он бо кишварҳои хориҷӣ дар ҳоли густариш аст, омӯзиши муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ арзиши назаррас ва мубрамии рӯзмарра касб кардааст. Аз ин лиҳоз мубрамияти мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки забоншиносони муосир бо омӯзиши роҳҳои калимасозӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардаанд. Зарурати таҳқиқи мавзуъ, таҳлили усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ, вижагиҳои истифодабарӣ ва тағйир ёфтани онҳоро дар забонҳои муқоисашаванда кушоду равшан тавзеҳ менамояд.

Бинобар ин диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)» як нигоҳи дигар вобаста ба омӯзиши калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ буда, омӯхтани он барои боз ҳам беҳтару мувофиқтар шинохтан ва баррасӣ намудани вижагиҳои ҳамсон ва фарққунандаи ин ду забон имконияти бештаре фароҳам меорад.

Мавзуи таҳқиқоти мавриди тақриз бо барномаҳои таълимӣ ва илмии самтҳои филологӣ ва Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (аз 30 августи соли 2019 №438) комилан мувофиқат менамояд.

Мақсад аз таҳқиқи мавзуи мазкур, қабл аз ҳама нишон додани нақши калимасозӣ, ҳамчунин, омӯзиши роҳу усулҳои сарфию наҳвии калимасозӣ ҳамчун воситаи асосии ғанигардонии захираи луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ буда, дар ин росто мушаххас намудани умумият ва фарқияти ин ду забон дар амти калимасозӣ мушаххас карда мешавад. Дар заминаи мақсади муқарраршудаи таҳқиқот дар диссертатсия иҷрои вазифаҳои басо муҳими илмӣ ба нақша гирифта шуда, унвонҷӯй муваффақона онҳоро иҷро намудааст, ки ба ин вазифаҳо мушаххас кардани мафҳуми калима ва калимасозӣ, нишон додани усулҳои асосии калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таҳқиқу баррасии

роҳҳои афзуншавии захираи фонди луғавӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, гурӯҳбандии усулҳои калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва нишон додани усулҳои сарфии калимасозӣ ва усулҳои наҳвии калимасозӣ бо мисолҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз қабили ин вазифаҳои арзишманди илмӣ аст.

Навовариҳои илмии таҳқиқот дар он дида мешавад, ки дар диссератасия бори аввал усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, бар мабнои маводи асарҳои бадеӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Усулҳои калимасозии сарфӣ бо ёрии вандҳои калимасоз, калимасозии наҳвӣ ва калимаҳои мураккаб, мавриди таҳқиқ қарор гирифта шуда, нақши пешванду пасванд дар сохтани калимаҳо ва қолабҳои нави вожасозӣ мушаххас карда мешавад.

Муҳиммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар арзишммандии натиҷаҳои таҳлилу таҳқиқи мушаххаси масъалаҳои сарф, наҳв ва луғат дар илми забоншиносии муосир дар бахши калимасозӣ дониста мешавад, ки ба минбаъда барои рушди воситаҳои вожасозӣ, таҳқиқу пажӯҳиш ва омӯзонидани забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хизмат менамояд. Хулосаҳои илмии муққаққиқ ва натиҷагириҳои амалии таҳқиқ барои ҳалли масъалаҳои муҳими таълими забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, омода намудани дастурҳо ва китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ истифода бурдан ба таври самаранок истифода гардида, натиҷаҳои диссертатсия барои таҳқиқоти минбаъдаи ин қисматҳои забоншиносӣ ва ҳалли масъалаҳои назариявию амалии забоншиносии муосир манбаи муътамад хоҳад буд.

Бо ҳамин тартиб пажӯҳиши Ҳамроев О. дар асоси маводи фаровони назариявию амалӣ таҳлилу баррасӣ шуда, бо нуктаҳои мушаххаси методологӣ, маводи гуногунҷанбаи таҳлилӣ дар мувофиқат бо сохтор, мақсаду вазифаи таҳқиқ асос ёфтааст. Саҳми инфиродии муҳаққиқ дар он зоҳир мегардад, ки мавзуи калимасозиро дар доираи илми забоншиносии муқоисавӣ, дар маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бори нахуст ба таври фарогир мавриди пажӯҳиш қарор дода, дар ин самт ба ҳадди зарурӣ муваффақ шудааст.

Диссерататсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст, ки дар муқаддимаи он муҳиммияти мавзуъ баён шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъ муайян гардида, мақсаду вазифаҳо ва навоварии таҳқиқот, арзиши назариявию амалӣ, методу усулҳои таҳқиқ нишон дода шуда, масоиле, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, мушаххас гардидааст.

Дар боби якуми диссертатсия бо унвони «Асосҳои назариявии масъалаи омӯзиши калима ва калимасозӣ» масъалаҳои назарияи калимасозӣ шарҳу тавзеҳ ёфта, мафҳуми калима дар манбаъҳои гуногуни гузашта ва дар осори имрӯзаи илмиву адабӣ муайян шудааст.

Фасли якуми боби якум «Назарияи калима ва калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дорад, ки дар он масъалаи мафҳум ва муҳтавои калима ҳамчун воҳиди нутқ барои ифодаи мафҳуми мушаххас мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамчунин муҳаққиқ бамаврид таъкид менамояд, ки калима, вожа, сухан, лафз дар грамматикаи забон воҳиди мустақили забон

аст ва аз як ё якчанд таквожа, ба таъбири дигар морфема сохта шуда, дар занҷири гуфтор нақши маъноӣ ва грамматикӣ дорад.

Дар фасли дуюми боби аввал таҳти унвони «Калимасозӣ ва нақши он дар таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», масъалаҳои мубрами калимасозии забонҳои мавриди таҳқиқ бо далелу истиноди ҷолиб ва мисолҳои арзишманд мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Муҳаққиқ басо бамаврид таъкид менамояд, ки бахшҳои грамматикӣ ва луғавии забон бо ҳамдигар иртиботи ногусастанӣ доранд ва маъмулан вожаҳо, роҳҳои морфологии калимасозӣ, синтаксисии калимасозӣ, луғавӣ-маъноии калимасозӣ сохта мешаванд.

Дар фасли сеюми боби аввали диссертатсия бо номи «Андешаҳои забоншиносон роҷеъ ба калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» масъалаҳои сатҳи таҳқиқ ва таносуби назари муҳаққиқони соҳа вобаста ба масъалаҳои калимасозии забонҳои мавриди таҳқиқ ба таври муфассал таҳлилу таҳқиқ шудааast. Яке аз нуктаҳои муҳим вобаста ба масъалаи мазкур аз нигоҳи муҳаққиқ чунин аст, ки мутобиқи амсилаҳои калимасозӣ калима дар ҳар як ҳолатҳои мушаххас сохта шуда, дар баробари ин барои зуҳури маъноҳои гуногун низ бештар мусоидат мекунад. Дар ин росто мафҳуми калимасозӣ дар маҷмуъ умумиятро фарогир буда, амсилаҳои гуногунро дар гурӯҳҳо аз рӯйи усулҳои калимасозӣ ҳамроҳ менамояд.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «Усулҳои калимасозии сарфӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» вобаста ба усули вандафзоӣ дар калимасозӣ ва роҳҳои корбурди ихтисораҳо баҳс намуда, масъалаҳои мазкурро ба таври илмӣ ва бо хулосаҳои ҷолибу арзишманди илмӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Фасли аввали боби дуюм «Усули вандафзоӣ (аффиксатсия)» номгузорӣ шуда, дар он таъкид мешавад, ки аффиксатсия ё бо истилоҳи нав вандафзоӣ яке аз маъмултарин ва сермаҳсултарин усули морфологии калимасозӣ дар бештари забонҳо ва аз ҷумла  дар тоҷикӣ дониста мешавад. Дар ин қисмат муҳаққиқ собит менамояд, ки аффиксҳо дар забон вазифаҳои муҳими луғавию грамматикиро иҷро намуда, аз рӯйи дараҷаи калимасозӣ дар забони муосир ба гурӯҳҳои сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсул ҷудо мешаванд. Дар ин маврид муҳаққиқ назари худро бо мисолҳои ҷолиб ва ақидаҳои арзишманди муҳаққиқон собит менамояд.

Дар фасли дуюми боби дуюми диссертатсия, ки «Ихтисора ва роҳҳои корбурди он дар забонҳои таҳқиқшаванда» номгузорӣ шудааст, унвонҷӯй ба масъалаҳои ташаккул, роҳҳои истифода, навъу намуд ва вижагиҳои маъноию сохтории ихтисораҳо дар забонҳои мавриди таҳқиқ таваҷҷуҳ намуда, ин гурӯҳи вожагонро дар асоси пажӯҳишҳои бунёдӣ тасниф намудааст. Ба таъкиди муҳаққиқ забоншиносони ватанӣ ва хориҷие, ки ихтисораро таҳқиқ кардаанд, на танҳо ҷанбаҳои марбут ба коркарди масъалаҳои умумии онҳо, балки проблемаҳои васеътари назарияи ихтисора ва калимасозиро инъикос кардаанд, вале дар баробари ин нуктаҳои зиёде ҳанӯз дар ин самт қобили таҳқиқу таҳлил аст. Нуктаи дигари ҷолиби диққат он аст, ки дар ин қисмати таҳқиқ таснифи

сохтор ва тартиби гуногуни корбурди ихтисораҳо дар асоси муқоиса ва таҳлили маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз назари муҳаққиқ дур намондаанд ва аз рӯйи аломатҳои шаклӣ се намуди ихтисораҳо бо мисолҳои ҷолиб оварда шудаанд, ки аферезис, яъне буридани қисми аввали калима, синкопа, яъне буридани қисми миёнаи калима ва апокопа чун буридани қисми охири калима ониста мешаванд.

Боби сеюми диссертатсия «Роҳҳои калимасозии наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон гирифта, дар он масоили вобаста ба конверсия, субстантиватсия, вербализатсия ва калимаҳои мураккабро дар забонҳои муқоисашаванда мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шудааст. Боби сеюми диссертатсия аз чор фасл иборат аст.

Фасли аввали боби сеюми диссертатсияро муҳаққиқ «Конверсия ва вижагиҳои он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» номгузорӣ намуда, вобаста ба ин масъала, таъкид мекунад, ки дар байни забоншиносон таваҷҷуҳ нисбат ба таҳқиқоти типологӣ ва муқоисавии конверсия хеле зиёд аст ва солҳои охир боз ҳам дар ҳолати рушду афзоиш аст. Конверсия дар забони тоҷикӣ ва англисӣ ҷанбаҳои муайяни ҳамгунӣ дорад, ки бештар бо умумиятҳои таърихии ин забонҳо рабт дорад ва гунанокии он бошад аз таҳаввулоти минбаъда ва таъсири омилҳои экстралингвистӣ бармеояд. Бо ҳамин тартиб муҳақққиқ масъалаи конверсияро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо асосҳои устувори илмӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, вобаста ба он назари мушаххаси худро ба таври асоснок ироа намудааст.

Фасли дуюми боби сеюми диссертатсия «Субстантиватсия дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» номгузорӣ шудааст. Субстантиватсия ҳамчун ҳодисаи маъмултарини гузариш дар манобеи забоншиносӣ дониста мешавад. Аз нигоҳи муҳаққиқ дар забони муосири англисӣ яке аз намудҳои самараноки субстантиватсия аз он иборат аст, ки исми ҳосилгардида амалеро ифода менамояд, ки аз феъл ба вуҷуд омадааст. Дар забони муосири тоҷикӣ бошад, мувофиқи амсилаи маъмулӣ на ҳамаи феълҳо, балки фақат сифатҳои феълӣ ва номи амал бо истифода аз усулҳои конверсионӣ сермаҳсул шуда метавонанд, вақте ки дар забони муосири англисӣ бошад, тақрибан ҳамаи феълҳо метавонанд бевосита ба ҳодисаи конверсия дучор оянд.

Фасли сеюми боби сеюм «Вербализатсия дар забонҳои тоҷӣ ва англисӣ» ном дорад. Мавриди таъкид аст, ки вербализатсия як усули махсуси калимасозие мебошад, ки бо ёрии он дигар ҳиссаҳои нутқ ба феъл мегузаранд. Ба назари муҳаққиқ, ки дар асоси муқоиса ва таҳлилҳо бар ин хулоса расидааст, дар забони тоҷикӣ ҳодисаи вербализатсия чандон маъмул нест, вақте ки он дар забони англисӣ бештар дида мешавад. Дар идомаи ҳамин гуна таҳқиқу муқоиса муҳаққиқ панҷ шакли семантикии гузариши калимаҳоро мувофиқи амсилаи мушаххас мисол оварда таҳлил намудааст.

Фасли чоруми боби сеюм бо номи «Калимаҳои мураккаб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ба масъалаи таҳқиқи калимаҳои мураккаб ҳамчун яке аз роҳҳои пурмаҳсули калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Бо мақсади он ки табиат ва мақоми калимаҳои мураккаб дар таҳқиқ

муайян карда шаванд, унвончӯй дар заминаи таъриф ва таснифоти мавҷуда муҳим будани се ҷанбаи калимаҳои мураккабро таъкид менамояд, ки инҳо сохтор, мазмуни морфологӣ ва ҳамчунин вазифаҳои синтаксисӣ дониста мешаванд.

Дар хулосаи диссертатсия муҳаққиқ назари худро ба таври ҷамъбастӣ ироа намуда, нуктаҳои муҳимтарин ва тавсияҳои назариву амалии таҳқиқотро баён намудааст.

Мавриди зикр аст, ки кори диссертатсионии Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)» ба дараҷаи зарурии илмӣ таълиф гардида, пажӯҳиши мукаммал ва анҷомёфта дониста мешавад.

Ҳамзамон кори диссертатсионии О. Ҳамроев дорои арзиши назаарраси илмӣ буда, дар баробари дастовардҳо баъзе нуктаҳои қобили интиқодро низ дорад, ки мехостем ба баъзе аз онҳо махсус таъкид намоем:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия ва бобу фаслҳо муҳаққиқ зимни нишон додани асосҳои назарии таҳқиқот ба пажӯҳишгарони маъруфи ватаниву хориҷӣ ишора намуда, аз андешаҳои эшон таъкид менамояд, аммо назари интиқодии муҳаққиқ дар ин самт камранг аст.

2. Дар қисматҳои гуногуни рисола унвончӯй доир ба баъзе масъалаҳои мубрам назари муаллифонро оварда, манбаи аслро бо нишондода сафҳа ва муаллиф пурра намеорад ва ба манбаи сеюм истинод менамояд. Масалан дар сафҳаи 16 рисола дар бораи истилоҳи “вожа” назари муаллифони фарҳангҳои гуногунро бо истинод ба “Луғатномаи Деҳхудо” меорад, ки беҳтар буд агар унвончӯй ба манбаъҳои асл низ таваҷҷуҳ мекард.

3. Дар рисола иқтибосот аз пажӯҳишҳои муҳаққиқон зиёд оарда шуда бошад, ҳам назари интиқодии унвончӯй ба андешаҳои олимон камранг аст, ҳол он ки баъзе нуктаҳои дар садаи гузашта таъкидшуда то андозае моҳияти илмии худро аз даст додаанд.

4. Зимни баррасии маъалаҳои мубрам унвончӯй мисолҳои ҷолиби диққатро пайиҳам оварда, ба таҳлилу муқоисаи онҳо чи дар худи забони тоҷикӣ ва чи дар миёни забони тоҷикиву англисӣ камтар мутаваҷҷеҳ шдааст.

5. Дар сафаҳоти ҷудогонаи диссертатсия нуктаҳои таҳрирталаб (5, 8, 11, 21, 35, 43, 61, 78, 91, 104, 116, 133) ва қобили тасҳеҳ (4, 8, 13, 20, 36, 48, 59, 63, 81, 108, 127) ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ба нафъи кор аст.

6. Ҳамин нуктаҳои ишорашуда дар сафаҳоти автореферати диссертатсия низ дида мешаванд.

Маколаҳои интишоршудаи муҳаққиқ мухтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд ва дар маҷаллаҳои илмии таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Автореферати диссертатсия (бо гунаҳои тоҷикӣ ва русии он) мазмуну мундариҷаи асосии кори таҳқиққотии О.А. Ҳамроевро фарогир аст.

Бо ҳамин тартиб, кори диссертатсионии Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)», барои дарёфти

дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ҷавобгӯи талаботҳои корҳои диссертасионии аз ҷониби Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайянгардида буда, таҳқиқоти илмии комил ва анҷомёфта аст, ки дастоварди илмии диссертантро инъикос менамояд.

Бинобар ин муаллифи диссертатсия Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ: Ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе, доктори илмҳои филологӣ — Мухторов Зайнидин Мухторович

ФИЛИАЛИ ДОНИШКАДАИ РУШДИ МЕНЕҶМЕНТИ СИНГАПУР дар ШАҲРИ ДУШАНБЕ
BRANCH OF MANAGEMENT DEVELOPMENT INSTITUTE OF SINGAPORE IN DUSHANBE CITY
РЯМ 0220002640 UIN
MDIS Dushanbe
РМА 020055501 TIN

25.08.2022.
734003, ш. Душанбе, к. Саид Носир 33
mukhtorov67@gmail.com
(992) 907801822